«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Хушвахтзода Қ.Х. _____
«_8_» _____04_____ с. 2022

ХУЛОСАИ

маҷлиси муштараки кафедраҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ ва криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

оид ба аҳаммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович дар мавзуи «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович дар мавзуи «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)» дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия муҳокима гардида, дар асоси суратмаҷлиси №8 аз 31-юми марти соли 2022 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович соли 2004 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил гардида, соли 2009 онро аз рӯйи ихтисоси «Муносибатҳои байналхалқӣ (ҳуқуқ)» хатм намудааст.

Аз соли 2017 то имрӯз ба ҳайси муаллими кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Дар марҳилаи омода намудани диссертатсия Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович ҳамчун аспиранти шуъбаи рӯзонаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 12 марти соли 2022, таҳти №81 дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботи манзурнамудаи банди 17-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Роҳбари илмӣ: Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Давраи муҳимтарини ҳуқуқтатбиққунии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ таъини ҷазо мебошад, ки дар асоси принсипҳои инсондӯстӣ ва адолат амалӣ мегардад. Зимни суханронии худ дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ, санаи 21 ноябри соли 2019 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсус таъкид намудаанд: «Азбаски санадҳои қабулкардаи судҳо аз номи давлат бароварда мешаванд, онҳо бояд ба тамоми талаботи қонунгузорӣ мувофиқат карда, барои барқарор гардидани адолат мусоидат намоянд».

Имрӯз масъалаи мубрамтарин дар самти ҳуқуқтатбиққунӣ таҳияи усули аз ҳама бештар мусоид ва асосноки фардикунонии ҷавобгарии ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Дар ин самт аҳаммиятноктараш ошкор намудани доираи бо қонунгузорӣ муқарраршудаи салоҳдиди судҳо ба назар мерасад, ки ба хусусияти таҷрибаи ягонаи ҳуқуқтатбиққунии судҳо таъсир мерасонад.

Дар доираи самти ишорашуда аҳаммияти калонро принсипи фардикунонии ҷазо ҳангоми таъини ҷазо аз ҷониби суд дорад. Зимнан он ҳолатеро қайд намудан зарур аст, ки на ҳама вақт муқоисаи чунин нишондиҳандаҳо ба монанди шахсияти ҷинояткор ва ҷинояти мушаххас бо

хавфи ҷамъиятии кирдор аз нигоҳи риояи принсипҳои инсондӯстӣ, адолат ва фардикунонӣ имконпазир аст.

Дар чунин ҳолатҳо барои татбиқи принсипҳои зикрғардида ва ҳавасмандгардонии рафтори мусбати шахс пас аз содир намудани ҷиноят қонуни ҷиноятӣ қоидаи махсусро бо баромадан аз доираи ҷазоҳои дар санксияи моддаи дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) нишондодашуда муқаррар сохтааст. Маҳз чунин қоидаро м. 63 КҶ ҶТ пешбинӣ менамояд. Ин модда ҳамчун ифодагари принсипҳои адолат ва инсондӯстӣ, барои таъмини ҳадди ақали зарурӣ ва татбиқи сарфакоронаи ҷазо барои таъмини ноилшавии мақсадҳои ҷазо равона шудааст.

Мубрамияти таҳлили илмии ҷанбаҳои гуногуни м. 63 КҶ ҶТ бо талаботи мақомоти судӣ вобаста ба мавҷуд набудани таҷрибаи ягонаи татбиқи он сабаб шудааст.

Аксар вақт судҳо ба сифати ҳолатҳои мустасноӣ ҳамаи ҳолатҳои сабуккунандаи дар қонун номбаршуда ва номбарнашударо эътироф менамоянд. Зимнан, онҳо бисёр вақт сабабҳои «мустасноӣ» эътироф намудани ҳолатҳои сабуккунандаи номбаршударо асоснок наменамоянд ва баён намекунанд, ки чӣ тавр ҳолатҳои зикргардида дар ҳолати мушаххас дараҷаи хавфнокии ҷамъиятиро хеле кам менамоянд ва барои чӣ онҳо асос барои татбиқи м. 63 КҶ ҶТ баромад мекунанд.

Аз рӯи маълумотҳои Суди Олии ҶТ дар соли 2016 нисбати 2012 нафар, дар соли 2017 – 1989, 2018 – 2006, 2019 – 1921, 2020 – 1706 нафар бо истифода аз м. 63 КҶ ҶТ ҷазои сабуктар таъин гаштааст.

Чунин татбиқи фаъоли м. 63 КҶ ҶТ ба андешаи муаллиф дар навбати аввал бо номукаммалӣ ва норавшании муқаррароти он сабаб шудааст, ки ин ба судҳо имкон медиҳад ҳама гуна ҳолатҳои сабуккунандаро мустасноӣ тафсир намоянд.

Дар ин ҷо муносибати ягона ба муайян кардани асосҳо барои татбиқи моддаи 63 КҶ ҶТ, яъне ба муайян намудани ҳолатҳои сабуккунандаи мустасноие, ки шахсиятро тавсиф менамоянд, ба истифодабарии тарзҳои сабук намудани ҷазо ва ғайра, низ мавҷуд нест.

Бо назардошти ҳолатҳои қайдгардида зарурати коркарди пешниҳодҳо оид ба такмили м. 63 КҶ ҶТ ва таҷрибаи татбиқи он ба миён омадааст.

Ҳамин тавр, таҳқиқи комплексии масъалаҳои таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, хело мубрам ва барои таҷрибаи муосири истеҳсолоти судӣ зарур мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот. Баъди дар соли 1998 қабул намудани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти комплексӣ мебошад, ки ба масъалаи татбиқи қоидаҳои м. 63 КҶ ҶТ бахшида шудааст. Ғайр аз таҳлили ин модда, муаллиф ҳамчунин моддаҳои монандро дар Кодекси ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ бо назардошти тағйироту иловаҳои охирони ба ин қонунгузориҳо воридкардашуда, ки ба мавзуи таҳқиқот дахл доранд, мавриди омӯзиш қарор додааст.

Пешниҳодҳои дар диссертатсия иброзшуда имконият медиҳад, ки меъёри дар м. 63 КҶ ҶТ сабтшуда такмил дода шуда, фаъолияти судҳо дар самти мазкур бо роҳи ворид намудани иловаҳо ба қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ба тартиб андохта шавад.

Нуқтаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, навгонии таҳқиқоти илмӣ ва ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили м. 63 КҶ ҶТ ва дар ин замина таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ нисбати татбиқи қоидаҳое, ки дар моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои ноил шудан ба мақсадҳои зикргардида ҳал намудани масъалаҳои зерин зарур буд:

– омӯзиши асосҳои умумии таъини ҷазо тибқи меъёрҳои КҶ ҶТ;

– асоснок намудани мафҳумҳои вобаста ба таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст;

– гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии меъёрҳои КҶ ҶТ ва меъёрҳои КҶ давлатҳои пасошуравӣ дар самти таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст;

– таҳқиқ намудани асосҳо ва мундаричаи м. 63 КҶ ҶТ;

– баррасӣ намудани тарзҳои татбиқи муқаррароти м. 63 КҶ ҶТ;

– коркарди пешниҳоду тавсияҳо оид ба такмили нишондодҳои м. 63 КҶ ҶТ, ва дигар муқаррароти КҶ ҶТ.

Объекти таҳқиқотро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки бо татбиқи м. 63 КҶ ҶТ алоқаманданд.

Мавзуи (предмет) таҳқиқотро меъёрҳои КҶ ҶТ, ки қоидаҳои таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, муқаррар менамояд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои илмии дар диссертатсия матраҳгардида бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҷрибаи судӣ, инчунин қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ оид ба масъалаи таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд. Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 9 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар нашрияҳои дигар бо забони тоҷикӣ ва русӣ, ба табъ расонида шудааст. Интишороти муаллиф мазмун ва моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намуда, таҳлили онҳо дар қисми хулоса ва тавсияҳои диссертатсия ҷой дода шудаанд.

Илова ба ин баъди дар соли 1998 қабул намудани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз ягон таҳқиқоти комплексӣ дар мавзуи диссертатсия гузаронида нашудааст. Зимнан бисёр масъалаҳои татбиқи м. 63 КҶ ҶТ боиси баҳсу мунозираҳо мегарданд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ омода гардида, дар ҷаласаҳои кафедра мавриди муҳокима қарор гирифтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин ба тариқи маърӯза аз ҷониби муаллифи рисола пешниҳод гардидаанд:

а) байналмилалӣ:

– I-умин Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик, маъруза дар мавзуи «Пушаймонӣ аз кирдор ҳамчун асоси мустақил барои таъин кардани ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст» (бо забони русӣ), (Душанбе, 29 апрели соли 2022);

б) ҷумҳуриявӣ:

– Конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба «30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (2019-2021), маъруза дар мавзуи «Тарзҳои таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст» (бо забони русӣ) (Душанбе, 12-17 апрели соли 2021);

– **Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии** таъсисёбии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Танзими иқтисодӣ-ҳуқуқии муносибатҳои байналмиллалӣ дар бахши фаъолияти иқтисодии хориҷӣ», маъруза дар мавзуи «Мусоидати иштирокчии гурӯҳи ҷиноятӣ барои ошкор намудани ҳодисаи ҷиноят» (Душанбе, 29 январи соли 2022).

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот бо он муайян мегардад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқот, аз ҷумла, хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, метавонанд дар рушди минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи аз ҷониби судҳо таъин намудани ҷазо саҳми назаррас дошта бошанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2021, таҳти №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Миралиев С.А. дар мавзуи «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад ва саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, дар ҷаласа

қарор карда шуд:

1. Диссертатсияи Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович дар мавзуи «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович дар мавзуи «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)», ҷиҳати ҳимоя намудан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019, тавсия карда шавад.

Хулоса дар маҷлиси муштараки кафедраҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ ва криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар маҷлис иштирок доштанд: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» - 0 нафар, суратмаҷлиси ҷаласаи муштараки кафедраҳои

ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ ва криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (таъйиноти декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 23 июни соли 2022, таҳти №61) аз 6-уми июли соли 2022.

Раиси маҷлиси муштарак:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш.

Котиби маҷлиси муштарак:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳимзода М.С.

Муқарризи №1:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва
назорати прокурории факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ Ҷалолов Х.Ғ.

Муқарризи №2:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи
ҷиноятии Донишгоҳи славянии
Россия – Тоҷикистон Абдуллаев Н.С.

Подпись заверяю
Начальник ФК РТСУ
Рахимов А.А

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ **Тавқиев Э.Ш.**
«08» 07 2022 с.